**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Бо пайдоиши интернет, рушди воситаҳои нави алоқа ва муошират, инчунин, афзоиши истилоҳоти интернетӣ зиёд гардид. Интернет ба ҳаёти имрӯзаи мо пурра ворид гардида, аз ҷумла таъсири бузурге ба забон расонидааст, ки мисли ҳама гуна системаҳои рушдкунанда ба шароити нав зуд мутобиқ мебошад. Пеш аз ҳама, тағйиротҳо дар воҳидҳои луғавии забон дида мешаванд. Дар замони муосир, таркиби тамоми забонҳоро шумораи зиёди иқтибосҳо, ихтисорот ва неологизмҳо ташкил медиҳанд. Дар забони муошарати одамон тағйироти гуногунро дидан мумкин аст, яъне бештари ҷавонон истилоҳоти куҳнаро бо истилоҳоти нав иваз мекунанд, ки ба лексикаи забони марбута таъсири худро мерасонад. Интернет низ яке аз сабабҳои чунин тағйирот буда, "бойгонии" ҳама истилоҳоти соҳавиро бо марҳилаҳои ташаккулёбиаш дар бар мегирад. Бо назардошти ин, дар доираи ин рисоланавис тасмим гирифтааст, ки истилоҳоти интернетиро ҳамчун воҳидҳои вожагонию сарфӣ аз ҷиҳати пайдоиш, сохт, маъно, ва ихтисораҳои онҳо муфассал таҳқиқ ва дар ин замина вижагиҳои забонии онҳо муайян карда шавад.

Кори диссертатсионие, ки аз ҷониби Шайдуллои Ҳоҷӣ анҷом шудааст, барои луғатшиносии тоҷикӣ хеле муҳим ва саривақтист. Муаллиф ба ҳайси муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки истилоҳоти интернетӣ дар забони тоҷикӣ бо роҳу василаҳои мухталифи калимаву истилоҳсозӣ сохта мешаванд.

Маводи асосии диссертатсияро луғатҳои тавсирии забони англисӣ ва тоҷикӣ, луғатҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ, луғатномаҳои истилоҳоти интернетӣ, ки аз сомонаҳои интернет гирифта шудаанд, луғатҳои тафсирии истилоҳоти интернетӣ ва интишорот дар маҷаллаҳои гуногун, дар форумҳо ва чатҳо, ҳамчунин, дигар маводи шабакаҳои интернетӣ ташкил додааст.

Дар бахши тавсифи умумии диссертатсия ҳамаи талаботҳои вобаста ба таҳияи фишурдаи рисола аз қабили муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва дигар бахшҳои сохторӣ дарҷ гардидааст. Муҳаққиқ доир ба ҳар яке аз бандҳо маълумот дода, равиши илмии пажӯҳиши худро ба таври мухтасар асоснок кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст.

Боби якуми рисола, «Истилоҳоти интернетӣ ҳамчун система дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур оид ба пайдоиш, рушд ва ба гуруҳҳо ҷудо шудани истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф дар ин фасл масъалаҳои назариявии истилоҳоти интернетиро ба таври мухтасар зикр намуда қайд кардааст, ки ҷаҳонишавӣ падидаи маълумотпазирии ҷамъият, вусъатёбии истилоҳоти интернет, чи дар доираи мутахассисон ва чи дар байни мардуми одӣ, заруратеро ҳувайдо месозад, ки тамоми истилоҳоти навин бо тамоми хусусиятҳои маъноӣ ва сохторӣ дар забонҳо ба таври амиқ омӯхта шаванд.

Боби дуюми рисола «Вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ» унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст. Мусаллам аст, ки хусусиятҳои сохтории истилоҳот, махсусан истилоҳоти Интернет ва роҳҳои ташаккулёбии он дар асоси таснифоти калимасозии забоншиносӣ инъикос мегардад. Дар доираи усули воқеии калимасозии истилоҳот дар забоншиносӣ роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудан мумкин аст, ба монанди истилоҳоти якреша ё сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва ихтисора.

Боби сеюми диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ «Хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ» унвон дошта, аз панҷ фасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати маъно мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ истилоҳоти интернетиро аз рӯйи маъно ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудааст: а) сермаъно; б) синоним; в) омоним; г) антоним; д) маҷоз.

Дар қисмати хулоса муҳаққиқ андешаҳои худро ҷамъбаст намуда зикр намудааст, ки истилоҳоти интернетӣ бо хусусиятҳои фарқкунанда ва монандӣ дар асоси мисолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, навгониҳои назаррасеро дар забоншиносии интернетӣ ба вуҷуд овардаанд.

Автореферати диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Фишурдаи мазкур бо забони фасеҳу равон таҳия шуда, дар маҷмуъ натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмӣ ишораҳо кардааст.

Дар автореферати Шайдуллои Ҳоҷӣ баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳо зарур мебошад:

1. Дар саҳифаи 18, 23, 31 қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нашудааст.
2. Ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ дар рафти баёни андешаҳои муаллиф ҷой доранд.
3. Дар диссертатсия то андозае ғалатҳои техникӣ низ ба назар мерасад.

Дар маҷмӯъ, ғалатҳои мазкур моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам накарда, ислоҳшаванда мебошанд.

Хулоса, тадқиқоте, ки Шайдуллои Ҳоҷӣ анҷом додааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ дар забоншиносии тоҷик, пажӯҳиши нав мебошад.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Шайдуллои Ҳоҷӣ бо номи «Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти интернетӣ (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ)» пажӯҳиши ба анҷомрасида мебошад. Автореферати он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, фарогири мавзуи диссетатсия мебошанд.

Муаллифи диссертатсия – Шайдуллои Ҳоҷӣ, бо ҳимояи тадқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзанда мебошад.

**Муқариз**:
номзади илмҳои филология, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳусейнова Г. А.
«04» сентябри соли 2023.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе. Тел: (+992) 918 73 09 58
E-mail: gulpari786@mail.ri

Имзои Ҳусейнова Г. А. -ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У. А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, к. Нахимов 16/14
E-mail: tgfeu.tj